*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-14 назди*
*Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,*
*бо суроғаи 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Нурублоева Мадинабону Мавлоновна дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст**

Дар марҳалаи муосири рушди ҷаҳонишавӣ алоқамандии рушди иқтисоди хоҷагии ҷаҳонӣ аз инкишофи иқтисодиёти миллии кишварҳои алоҳида вобаста буда, сарчашмаи инкишофи он аз ташаккули низоми нави муносибатҳо, ки дар самти истифодаи имкониятҳои якҷоя нигаронида шуда, самари синергетикиро ба вуҷуд меоранд, вобастагии зич дорад. Вобаста ба рушди иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ ташаккули кластерҳои ҳудудию саноатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодиёти минтақа хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Бояд таъкид сохт, ки ҳамгироии мезосатҳии иқтисодӣ ҳамчун падидаи муосири назарияи ҳамгироии иқтисоди минтақавӣ аз инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ дар сатҳи соҳаҳо яке аз роҳҳои ба даст овардани самараи ҳамгироӣ буда, он имкон медиҳад, ки рақобатпазирии минтақа таъмин карда шавад.

Гузариш ба модели нави рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тайи солҳои охир сурат гирифтааст, механизм ва усулҳои нави таъсис ва инкишофи кластерҳои минтақавии саноатиро тақозо менамояд. Дар ин маврид, дарёфти механизмҳои таъсис ва таъмини рушди устувори кластерҳои саноатӣ мавқеи марказиро дар ин муносибатҳо ташкил менамоянд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ташаккул ва рушди кластерҳои ҳудудию саноатӣ омили пешбаранда ва механизми муосири ҳавасмандгардонии рушди минтақаҳо ба ҳисоб рафта, айни замон сохторҳои кластерӣ ҳамчун нуқтаи рушд ва платформаи муассири ҳамкории сохторҳои тиҷоратӣ, таълимӣ, илмию таҳқиқотӣ, ниҳодҳои инфрасохторӣ ва мақомоти идоракунии давлатӣ баромад мекунанд.

Ҳамчунин қайд гардидааст, ки кластерҳои ҳудудию саноатӣ ба сифати қутби рушд баромад намуда, имконият медиҳанд, ки дар заминаи татбиқи принсипҳои “иқтисодиёти сабз” рушди фарогири иқтисодиву иҷтимоӣ ва экологии минтақа таъмин карда мешавад.

Дар баробари нуктаҳои муҳими автореферат, дар кори илмии мазкур баъзе камбудиҳо дида мешавад, аз ҷумла:

а) Дар автореферат, дар раванди кластерикунонии минтақаҳо, пешниҳоди шаклҳои дастгирии давлатии ҷараёнҳои кластерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда мешуд, хело бамаврид мебуд.

б) Ба манфиати таҳқиқот мешуд, агар муаллиф маълумот оид ба динамикаи рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва шумораи умумии корхонаҳои саноати вилояти Суғдро дар автореферат ҷой медод.

Новобаста аз пешниҳодҳои ҷойдошта рисолаи номзадӣ, таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо асоснок мебошанд.

Бинобар ин чунин хулоса намудан мукин аст, ки автореферат дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо ифода менамояд. Ҳамчунин натиҷаи ба даст овардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта, асосҳои назариявию амалии ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатии минтақаро ифода менамояд.

Умуман, автореферат дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст ва муаллифи он Нурублоева Мадинабону Мавлоновна арзандаи дараҷаи илмӣ - номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
д.и.и., профессори кафедраи
иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Ҳамроев Ф.М.

Имзои Ҳамроев Ф.М.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10, саҳифаи интернетӣ ttu@ttu.tj Телефон: +992934103962